**Тақриз**

**ба рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи “Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии иомзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик.**

Адабиёти тоҷик аз солҳои шастуми асри сипаришуда дучори таҳаввулоти сифатӣ ва дигаргуниҳои бисёре гардид, ки он бо осору афкори иддае аз шоирону адибон ва шахсиятҳои мубтакиру андешаманд пайвастагии комилу бунёдӣ дорад. Дар ин миён Лоиқ Шералӣ ба иттифоқи аҳли назар ва муҳаққиқон шоири воқеан миллӣ ва ормонии ин таҳаввулоти фикрӣ ва аз пешгомони тозагароии адабию ҳунарии як давраи томми адабиёт ба ҳисоб меравад. Лоиқ бо он неру ва тавони фикрӣ вориди адабиёт гардид, ки ӯро то охири фаъолияти эҷодияш ҳамроҳӣ, балки ин неру ва қудрати эҷодӣ ҳамвора дар тазоюд будааст. Паёми шоир аз ибтидо паёми тоза, нав ва нидои ботинии ӯ муътақид ба таҷаддуд ва ибтикор дар шеъри муосир буд. Дар бораи Лоиқ Шералӣ таҳқиқоти фаровону судманд навишта шудааст, вале ба иқтизои “Гумон мабар, ки ба поён расид кори муғон//Ҳазор бодаи нахӯрда дар раги ток аст” (Иқболи Лоҳурӣ) ба вуҷуд омадани рисолаи мавриди гуфтугӯи имрӯза таҳти унвони “Ҷустори ҳунарии Лоиик Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ” аз тарафи Раҳимов Холмаҳмад Баротович шоистаи таҳсин ва дастгирӣ мебошад. Рисола аз муқаддимаи муфассалу фарогир бо масоили аҳаммияти мавзӯи мавриди таҳқиқ ( саҳ. 3-6), пешинаи таҳқиқи мавзӯъ (саҳ.6-7), ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии рисола, арзишҳои назарӣ ва амалии рисола, нуктаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда, се боб, хулоса ва китобнома иборат аст.

Дуруст аст, ки таҳқиқу пажӯҳиши мавзӯи мазкур дар кашфу ҳалли муаммоҳои муҳимму бунёдии шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри ХХ ёрӣ мерасонад ва барои ошкор сохтани қонунмандиҳои инкишофи тамоюлҳои

шеъри тоҷик дар ин давра заминаи хубе мегардад. Тадқиқи тарзу усули ҷустуҷӯҳои навоваронаи бадеии шоир, ташаккули тадриҷии истеъдоди ӯ дар имтидоди роҳи эҷодии ӯ, иртиботи эҷодиёташ бо андешаву орои иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳунарии давраи мавриди таҳқиқи рисола, вижагиҳо ва гуногунии анвои адабии эҷодиёти шоир, хусусиятҳои ғоявиву мундариҷавии шеъри ин давра аз заруратҳои таҳқиқи мавзӯи мазкур ба шумор меравand, ки нигорандаи рисола ба пажӯҳишу баррасии онҳо ҳиммат гуморидааст. Муаллифи рисола мунсифона аз муҳимтарин таҳқиқотҳои дар заминаи ашъори шоир анҷомёфта ёд карда, дар мавридҳои зарурӣ онҳоро нақду баррасӣ намудааст, ки арзиши илмии онро афзудааст.

Дар боби аввали рисола вазъи адабии солҳои шастуми асри XX дар партави дастуру ҳидоятҳои дастгоҳи идеологии давр ва кӯшишҳои шоирону адибони дурнигару мубтакир дар боз намудани фазои адабии ҳоким бар онҳо аз тариқи руҷӯъ ба гузаштаҳои пурифтихори халқ ва дарки фалсафии рӯйдодҳои кишварҳои Шарқи дар ҳоли бедории фикрӣ ба таҳқиқ гирифта шудааст. Дар ҳамин самт дастовардҳои адабии Айнӣ, Турсунзода, Улуғзода, Лоҳутӣ, Пайрав, Раҳимӣ ва Миршакар дар дарки бедории иҷтимоӣ, маънавӣ, таърихӣ ва миллӣ, ки баъдан дар ташаккулу шаклгирии афкори навҷӯёнаи шоирони нисбатан ҷавони он солҳо Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Гулчеҳра ва пас онҳо Аминҷон Шукӯҳӣ роҳро барои Лоиқ ҳамвор ва заминаро омода намуданд, ки муҳимтар аз ин ҳама нармии сиёсати давр дар ин солҳо дар мавриди шоиронро набояд аз ёд бурд, ки ба истилоҳ аз маҷмӯи омилҳои мусоид барои аҳли эҷод ба шумор меомаданд. Аз муҳтавои ин боб бармеояд, ки аз ҳамон замони нахустин қадамҳои эҷодии шоир махсусиятҳои фардии ӯ зоҳир ва нигоҳу ҷаҳони маънавии ӯ хос аст. Аз ин ҷиҳат мулоҳизаҳои муаллиф дар бораи он ки ашъори нахустини шоир аз ҳаёти шахсии ӯ берун омадаанд ва дар онҳо вижагиҳои фардияти шоирии ӯ шакл гирифтанд, ки дур аз умумигӯӣ ва ба воқеиъияти зиндагии ҳамзамонаш мутобиқат дошта, хонандагони онро бо мустақилияти ин сурудаҳо аз дигарон ошно мекард. Унсурҳои зиндагии шахсии шоир ба шеъри ӯ вижагии фардиро

афзуда, аз зикри сатҳии воқеаву рӯйдодҳо, ки шеъри он рӯзгорро ба бемоя ва сода гардонида буд, парҳез кардани шоир ифодагари диди фардии шоиронаи ӯ ба падидаҳои давру бари хеш мебошад. Аз ин манзар таҳлили шеърҳои "Ном", "Зарафшон", "Кӯҳистон", ки аз шеърҳои нахустини шоир ҳастанд ва дар ин боб таҳлил шудаанд, хеле мувофиқу дархури матлаби муҳаққиқ будааст ва ин ҳам бо муқоисаи назару нигоҳи шоир дар ин маврид аз мақолоти ислоҳгаронаи ӯ, чун "Дар боби анъана ва русуми нав".

Натиҷаҳои илмии муаллифи рисола аз таҳлилу баррасии давраи аввали эҷодиёти шоир он аст, ки ӯро "истеъдоди фитрӣ, ҳисси масъулият, рисолати шоириву инсонӣ, дарки эҳтиёҷи маънавии ҷомеа ба майдони адабиёт кашид" (саҳ. 38) ва дар ташаккули сабки фардии хеш аз ибтидои фаъолияти адабияш бо қадамҳои устувор вориди ин майдон шуда, дар намоён сохтани чеҳраи адабии ояндаи худ замина гузошт.

Боби дигари рисола хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқро дар се фасли мавзӯоти шеър ва биниши фардӣ, ҳувияти миллӣ, тасвири табиат дар шеъри ӯро фаро мегирад. Бояд афзуд, ки дастовардҳои баъдии шоир аз масъалаҳои ёдшударо аксари муҳаққиқони осори ӯ қайд ва дар мавзӯъҳои алоҳидаи он рисолаҳо низ навишта шудааст (Муталлибов Р. "Ифтихори миллӣ ва ашъори Лоиқ Шералӣ" (Хуҷанд: Ношир, 2001. -88 саҳ.). Муаллифи рисола мавзӯъи ашъори шоирро бар мабнои таҳқиқотҳои сурат гирифта дар мавриди эҷодиёти ӯ баррасӣ намуда, бар он аст, ки мазмуну муҳтаво дар шеъри ӯ мисли ҳамаи шоирони дигари тоҷик дар ин давра аз мавқеи асосӣ бархурдор ва пеш аз ҷанбаҳои ҳунарии шеър ҷой дорад. Ба андешаи муаллиф яке аз омилҳои муҳимми афзалияти Лоиқ аз дигар шоирон дар бозтоби мавзӯъу масъалаҳои гуногун вусъати беандозаи тафаккури лирикии ӯ мебошад. Ин тарзи тафаккури лирикии шоир ба имтизоҷи ҳиссу андеша асос ёфта, ё ба таъбири Гулназар "лирикаи Лоиқ ба дарёи пуртуғён ва ошубгар монанд аст" (дисс., 42). Дар шеърҳои нахустини ӯ эҳсос ва андеша бар тасвир бартарӣ доранд ва ин ҳолат бештар барои баёни рӯҳиёти ботинии ӯ, худшиносӣ, изтиробҳои қалбии ӯ, дар хеш фурӯ рафтани

ӯ барои дарки олами ботинии хеш будааст. Дигар аз фардиятҳои эҷодии ӯ дар ин самт ҳамин мавзӯи ашъори ӯст, ки дар баёни он ба шоирони ҳамсафу ҳамзамони худ фарқ мекунад. Ишқ барои ӯ воситаи баёни ғаризаҳои зебоӣ ва дунёи хаёлии зебои ӯст. Муҳаккиқон ашъори ошиқонаи ӯро аз зеботарин сурудаҳояш ва умуман шеъри тоҷик донистаанд. Ба ифодаи муҳаққиқи муваффақи осори ӯ устод Сатторзода " Зебоӣ ва нотакрории шеърҳои ошиқонаи замонии шоир дар он аст, ки онҳо ҳар як дар худ як ҳолат, як рӯҳия, як манзара, як фазо, як эҳсоси муайян ва нотакрори олами ишқро шоирона ва ошиқона бе рӯву риё бозтоб медиҳанд" (дисс. Саҳ. 46).

Андешаҳои муаллифи рисола дар ин маврид аз муқоисаи афкори ишқии Лоиқ бо фалсафаи ҳастии Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ҷолиб ва мантиқӣ ба назар мерасанд, ки шоири тоҷик он шӯру шавқи ботини худро эҳёкунандаи ҳама гуна дастёбӣ ба орзу ва хостаҳои дили хеш медонад:

Дили осударо пурмавҷи тӯфон мекунӣ, эй ишқ,
Сари бедардро гардуни гардон мекунӣ, эй ишқ.

Ки бозгӯкунандаи ин абёти аллома Иқбол аст:

Ишқ аст, ки дар ҷонат ҳар кайфият ангезад,
Аз тобу таби Румӣ то ҳайрати Форобӣ.
Ин ҳарфи нишотовар мегӯяму мерақсам,
К-аз ишқ дил осояд бо ин ҳама бетобӣ.
Ҳар маънии печида дар ҳарф намегунҷад,
Як лаҳза ба дил дар шав, шояд, ки ту дарёбӣ (дисс. Саҳ.50)

Муаллифи рисола бар мабнои гуфтаи Сатторзода ин муваффақияти шоирро аз таъсирпазирии ӯ аз шоири ишқиясарои рус Сергей Есенин ва ҳам шоирони гузаштаи адабиёти форсии тоҷикӣ ба хусус Соиброро медонанд, ки дуруст аст. Дар ҳамин замина таҳлили муфассали шеъри "Хумор", ки аз муассиртарин ва зеботарин ишқияҳои адабиёти муосири тоҷик аст, хеле ҷолиб ва аз фазилатҳои ин боби рисола аст.

Дигар аз дастовардҳои шоир дар қисмати мавзӯи ашъори ӯ, ки фардияти эҷодии ӯро аз дигар шоирон мутамойиз месозад, шеърҳои дар

васфи модар сурудаи ӯ мебошад, ки дар онҳо мо чеҳраи модари тоҷикро бо тамоми ҷузъиёти мушахасси миллӣ мешиносем ва ин тасвиру баёни шоир воқеан модари ҳар хонандаро таҷассум мекунад. Сурату сирати модари шоир асил ва миллӣ бо вожагоне содаву одӣ ва табиӣ дар пеши чашми ҳар хонандаи шеъри “Ба модарам” салобату шаҳомату назокат қад боло мекунад ва шоир ҳам бо ҷасорату шуҷоати адабӣ аз чанд лаҳзаи нотакрори симои модарро офаридааст. Ҳамаи тасвирҳои резакоронаи шоир дар шеъри мавриди назар аз кунҷи сандалӣ то ғаму шодии модар хоси Лоиқ ҳастанд ва ба ибораи муаллиф “онҳоро дар ҳеҷ кадоме аз шеърҳои то ин шеър эҷодшуда дучор намеоем”. Ҳамин фардияти шоирро дар офариниши ашъори ватанхоҳии Лоиқ бештар мушоҳида менамоем, ки дар рисола саҳифаҳои зиёде ба он бахшида шудаанд(саҳ.68-78). Афкори иҷтимоӣ ва ахлоқии шоир дар идомаи мавзӯъҳои ашъори ӯ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Ҳувияти миллӣ ва афкори миллатдӯстиро низ аз ҷумлаи мушаххасоти фардии ашъори Лоиқ ба шумор овардан равост. Мо ин шохисаи фардии эҷодиёти шоирро дар шинохти миллат, ватан, арзишҳои миллӣ дармеёбем ва ба ин васила худшиносии таърихӣ, ҳувияти миллӣ фардияти ҳунари ӯро нишон медиҳанд, ки дар ашъори ӯ аз мавқеъу ҷойгоҳи вижа бархурдоранд, ки баъдан дар адаби муосири мо фарогиртар шуд, вале дар замони султаи яккаҳизбӣ ва идеологияи таъзиқовари сохти мавҷуда баёни ои ҳама матолиби миллӣ шуҷоату матонати адабӣ мехост, ки онро фақат Лоиқ шурӯъ ва поягузорӣ намуд. Шинохти ҳувияти миллӣ шоирро ба сурудани ашъори муассири миллатдӯстона ва ватанхоҳона водошта, ин эҳсоси бошарофати ӯ дар ашъори ватандӯстонаи ӯ машҳуд аст ва онро як огоҳӣ ва ҳушдори шоири миллат метавон донист.

Ҳамин гуна аст табиатномаҳои шоир, ки ба он ҳам фасли алоҳида ихтисос дода шудааст(саҳ.103-118), яъне фардияти эҷодии шоир дар саросари ин гуна ашъор ҳам ҳувайдо ва ошкор аст.

Боби ниҳоии рисола ба масъалаҳои навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои шеърӣ бахшида шудааст, ки дар он муаллиф аз дастовардҳои шоир дар шаклҳои шеърии суннатӣ мисли ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва шаклҳои шеъри нав ва ба хусус дар шакли маъмулу ривоҷёфтаи чаҳорпора ибрози назар намудааст. Дар ин қолабҳои адабӣ ҳам фардияти эҷодии шоир ошкор ва равшан намудор аст, ки дар ин бора дар рисола ба тафсил сухан рафтааст.

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои илмии рисола бо шуморагузорӣ баён гардидаанд ва аз камоли дақикии баррасиҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола чанд нуқсону камбудӣ ҳам ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии онро афзуда, сатҳи илмии онро боло хоҳанд бурд:

1. Аввалан, дар рисола дар мавриди бозёфтҳои шоир дар авзону қофия ва радиф, ки аз аркони асоси шеър мебошанд, сухан ба миён наомадааст;
2. Дар мавриди боби аввал бояд гуфт, ки хеле муфассал буда, тақсими он ба ду фасл ба мақсад мувофиқ мебуд;
3. Дар бораи чаҳорпораҳои шоир бояд гуфт, ки ин шакли маъмул ва ҳамагонӣ буда, аксари шоирони пеш аз Лоиқ аз истифода бурдаанд ва ибтикороту халлоқияте (мисли Лоҳутӣ, Пайрав, Юсуфӣ) дар ин маврид доштанд, ки барои ҳамаи шоирон аз унсурҳои хос шуморидан мумкин аст.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда ҳусни рисоларо коҳиш надода, ислоҳшавандаанд. Рисола дар сатҳи баланди услуби илмӣ таълиф ёфтааст ва тадқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Фишурдаи рисола, мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои рисоларо ифода мекунанд ва аз лаёқати баланди илмии соҳиби он гувоҳӣ медиҳанд. Рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи "Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" мувофиқи талаботи КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. -Адабиёти тоҷик мебошад.

**Номзади илми филология,**
**ходими пешбари илмии**
**шуъбаи таърихи адабиёти**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абӯабдулло Рӯдакии**
**Академияи илмҳои ҶТ,** **Муҳаммадиев Ш.М.**

**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.**
**E-mail: Shamsiddin-2010@mail.ru**
**Тел.: (+992)2272907**

**Имзои номзади илми филология Муҳаммадиев Ш.М.-ро тасдиқ менамоям: мудири шуъбаи кадри Институт Муродова С.**